# ШАРТҲО ОИД БА ПЕШНИҲОД КАРДАНИ ХИЗМАТРАСОНИҲО ДАР ЗАМИМАИ «MYBABILON»

## I. Муқаррароти умумӣ

1. Шартҳои мазкур оферта буда, ба муштариёни ҶСП «Вавилон-Мобайл» равона карда шудаанд.
2. Ҳангоми розӣ будани муштариёни ҶСП «Вавилон-Мобайл» бо роҳи ирсол намудани пайёмакҳои дахлдор ва ё истифодабарии комбинатсияҳои муайян, Созишнома байни муштариён ва ҶСП «Вавилон-Мобайл» оид ба истифодабарии Замимаи «MyBabilon» (минбаъд - Хизматрасонӣ, Замима, Замимаи «MyBabilon») бо шартҳои мазкур басташуда, ҳисобида мешавад.
3. Замимаи «MyBabilon» таъминоти барномавии иҷозатномадошта барои дастгоҳҳои Муштариён ва дастрасӣ барои таъмин ва васл намудани маълумотҳои ҷойгиршуда дар сомонаи расмии ҶСП «Вавилон-Мобайл» www.babilon-m.tj», инчунин дар «Play market» ва «App Store» мебошад.
4. Тамоми ҳуқуқҳои дар Замимаи «MyBabilon» дарҷгардида, ба ҶСП «Вавилон- Мобайл» тааллуқ дошта ва аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд.

## II. Мафҳум ва истилоҳот

5. Муштарии ҶСП «Вавилон-Мобайл» - шахси воқеӣ (шаҳрванд), инчунин соҳибкори инфиродӣ ва ё шахси ҳуқуқӣ (муштарии корпоративӣ), ки бо Оператор шартнома дар бораи хизматрасонии алоқа бастааст ва дар асоси шартномаи мазкур ба ӯ рақами муштарӣ ҷудо карда шудааст.
6. Дастгоҳи муштарӣ – дастгоҳи истифодашавандае, ки қонунӣ ба Муштарӣ тааллуқ дорад ва дастрасии Муштариро ба хизматрасониҳои Оператор тавассути пайваст намудани дастгоҳи мазкур ба шабакаи алоқаи Оператор таъмин менамояд.

7. Оператори алоқа (Оператор) – ҶСП «Вавилон-Мобайл» шахси ҳуқуқие, ки дар асоси Иҷозатномаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро амалӣ менамояд.
8. Интернет – сомонаи Оператор – Web – ва ё WAP –- сомонае, ки дар шабакаи Интернет суроғаи электронияш www.babilon-m.tj. ҷойгир шудааст.
9. Системаи биллингӣ – системаи дорои сертификати автоматикунонии Оператор буда, барои ба қайд гирифтани амалиётҳо оид ба Хизматрасониҳо, воридоту хароҷот шудани воситаҳои пулии воридшаванда ба ҳисоби пардохтии Хизматрасониҳо мебошад. Маълумотҳои шахсии Муштарӣ ва ё Мизоҷ (Истифодабарандагони хизматрасониҳо), (минбаъд- Маълумотҳои шахсӣ)–маълумоте, ки мустақим ва ғайримустақим ба доираи шахсони муайян ва ё шахси воқеии муайян (маълумотҳои шахсии субъект) дахл доранд.

## III. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои муштарӣ

10. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Муштарӣ:
- Дар Замимаи «MyBabilon » аз қайд гузарад;
- Аз имкониятҳои Замимаи «MyBabilon» истифода барад;
- Замимаи «MyBabilon» -ро тибқи шартҳои дарҷгардида ва сиёсати таҳриршуда истифода барад. Агар ҶСП «Вавилон-Мобайл» аккаунти Муштарӣ (Шумо) –ро барои вайрон кардани Шартҳои дарҷгардида, муҳосира кунад, онгоҳ Муштарӣ (Шумо) бе иҷозати Оператор аккаунти дигар ташкил накунед;
- ҶСП «Вавилон-Мобайл» барои соҳибмулк шудан ба маълумотҳое, ки Муштарӣ (Шумо) дар аккаунт ва ё тавассути Замимаи «MyBabilon» пешниҳодкардаед, даъво намекунад;
- Дастрасиро ба Замимаи «MyBabilon» амалӣ намояд ва онро танҳо бо мақсади қонунӣ, иҷозатдодашуда ва қобили қабул истифода барад;
- Маълумотҳои аниқ ва дақиқро истифода барад, рақами телефони асосиро нишон диҳад, инчунин саривақт рақами телефонии мобилии нишододаро дар мавриди

тағйир ёфтани он бо кӯмаки функсияҳои дахлдор дар Замима аз нав кунад;

- Замимаи «MyBabilon» -ро сарфакорона барои манфиатҳои мақсаднок истифода барад.

## IV. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҶСП «Вавилон Мобайл»

11. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҶСП «Вавилон-Мобайл»:

- Аз Муштарӣ истифодабарии Замимаи «MyBabilon»-ро тибқи муќаррароти Шартҳои мазкур талаб намояд;
- Ба Муштарӣ оид ба истифодабарии Замимаи «MyBabilon» маслиҳатњо диҳад;
- Оператор ҳуқуқ дорад бо мақсади пӯшонидани хароҷотҳои худ, ҳангоми қабул намудани пул аз системаҳои пардохтӣ ва дигар манбаъҳо, ба ҳама гуна хизматрасониҳои пешниҳоднамудааш, комиссия муқаррар намояд/ситонад.
- Бо тарзи яктарафа андозаи комиссияро (ворид кардани тағйирот дар он) барои ҳама гунна хизматрасониҳо ва транзаксияҳо бо роҳи огоҳ кардани муштарӣ дар дохили Замимаи «MyBabilon» муқаррар кунад;
- Аз рӯи интихоби худ метавонад пардохтҳоро аз як Бонки-шарик ба дигар Бонки-шарик иваз намояд;
- Аз муштарӣ риоя намудани талаботҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб намояд.
- Тибқи шартҳои мазкур хизматрасониҳоро ба таври дахлдор пешниҳод намояд;
- Ҳуқуқ дорад, дар мавриди мунтазам вайрон кардани ҳуқуқҳои моликияти зеҳнии шахси сеюм аккаунти Муштариро бекор намояд.
- Дар амалӣ намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои Муштарӣ дар раванди истифодабарии Замимаи «MyBabilon» ҳамаҷониба кӯмак расонад.

## V. Тартиби фаъолкунии Замимаи «MyBabilon»

12. Фаъолкунии хизматрасонии Замимаи «MyBabilon» дар асоси дархости муштарӣ ва ба даст овардани фаъолгардонӣ ва Сабти қайд танҳо дар як телефони мобилӣ амалӣ карда мешавад.

13. Бо додани дархост, муштарӣ тасдиқ мекунад ва розигӣ медиҳад:

- ӯ 18 сола мебошад;
- барои махфӣ нигоҳдории ПИН-коди худ, барои ворид шудан ба замимаи «MyBabilon» масъулиятро бар дӯш дорад;
- муштарӣ на бояд ПИН-коди худро ба шахси дигар ифшо кунад, на бояд онро дар ягон ҳуҷҷат дарҷ кунад ва ё дар телефони мобилии худ ҳифз намояд. Муштарӣ на бояд ба таври ҳатмӣ дар диди назари шахси дигар ПИН-коди худро ворид намояд;
- дар мавриди вайрон шудани телефонии мобилӣ ва ё сим-корт, гум шудан, ҳангоми гумон доштан, ки Замима бе иҷозати муштарӣ истифода мешавад, соҳиби симкорт бояд фавран ба Хадамоти дастгирии мизоҷон ба рақами +992 918616161 муроҷиат намояд ва ё ба худи сомонаи Замимаи «MyBabilon» дар реҷаи онлайн –чат доир ба ҳолати ба миён омада нависад;
- Замимаро барои пардохти мол, хизматрасонӣ ва ё дигар фаъолиятҳои ғайриқонунӣ ва қаллобӣ мавриди истифода қарор намедиҳад;
- пурра розигӣ медиҳад, ки ҳангоми тафтишоти фаъолияти ғайриқонунӣ ва қаллобӣ, ки бо истифода аз Замима амалӣ карда шудаанд, ҳамкорӣ менамояд;
- розигӣ медиҳад, ки Замимаро барои пардохти мавод, хизматрасонӣ ва ё дигар фаъолиятҳои ғайриқонунӣ ё қаллобӣ мавриди истифода қарор намедиҳад;

- розигӣ медиҳад, ки ҶСП «Вавилон-Мобайл» шахсияти муштариро барои пешгирӣ намудани қаллобӣ санҷад, инчунин маълумотҳои ба ариза дахлдоштаро бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон ва ё бо мақомоти дигар барои пешгирии қаллобӣ ва ё бехатарӣ пешниҳод намоянд;
- барои ифшо намудани маълумотҳоро ба дигар таъминкунандагони хизматрасониҳое, ки барои пешниҳоднамоии Хизматрасониҳо истифода мешаванд, розигӣ медиҳад. Баъзе аз таъминкунандагони хизматрасониҳо метавонанд берун аз Тоҷикистон қарор дошта бошанд ва маълумот метавонад дар хориҷ нигоҳ ва коркард карда шаванд ва ба қонунгузории дигар кишвар тобеъ бошанд;
- ҶСП «Вавилон-Мобайл» метавонад маълумотро дар бораи муштарӣ чӣ қадаре, ки талаб карда мешавад нигоҳ дорад ва истифода барад, ҳатто агар муштарӣ истифодабарии Замимаро қатъ намуда бошад;

14. Баъди ба анҷом расидани раванди ба қайдгирии Замимаи «MyBabilon», хизматрасонӣ ва сабти баҳисобгирӣ фаъол мегарданд.
15. Дархост барои идентификатся метавонад бо ҳамагуна сабаб аз рӯйи салоҳдиди ҶСП «Вавилон-Мобайл» рад карда шавад, инчунин, бар замми ин, агар ҶСП «Вавилон-Мобайл» аз тасдиқ намудани шахсияти муштарӣ қаноатманд набошад.
16. Ҳама маълумоте, ки муштарӣ дар вақти бақайдгирӣ ва дар вақти истифодабарии мунтазами Замимаи «MyBabilon» пешниҳод намудааст, бояд пурра ва дақиқ бошанд.
17. Муштарӣ бояд зимни бақайдгирӣ рақами шахсии махфи (ПИН-код) –ро интихоб кунад. ПИН-коди мазкур барои истифодабарии Замима ҳатмӣ мебошад. Ин имзои электроние, мебошад, ки муштариро ҳаммонанд

(идентификатсия) мекунад, дастурамалро тасдиқ мекунад ва ҳамчун имзои муштарӣ баробарқувва эътироф карда мешавад. Муштарӣ наметавонад ба Замима бидуни ПИН-коди мазкур ворид шавад.

18. Дар ҳолате, ки агар муштарӣ рамзи худро барои ворид шудан аз хотир бароварда бошад, воридшавӣ ба замимаи «MyBabilon» дастрас мебошад ва ба муштарӣ имконият дода мешавад, ки мустақилона дастрасиро ба Замимаи «MyBabilon» бо роҳи гирифтани коди махфии чор аломата барои аз нав иҷозатдиҳӣ амалӣ намуда, ПИН-коди нави махфии чораломатаро васл намояд.

19. Муштарӣ метавонад 3 (се) маротиба барои дуруст ворид намудани ПИН-код кӯшиш намояд. Агар муштарӣ нодуруст ПИН-кодро ворид намояд, дар кӯшиши сеюм сабти баҳисобгирии Замима хомӯш мегардад. Барои фаъол гардонидани сабти баҳисобгирӣ, муштарӣ бояд бо Хадамоти дастгирии ҶСП «Вавилон-Мобайл» тамос гирад.

## VI. Истифодабарии Замимаи «My Babilon». Маҳдудкунӣ ва радкунӣ аз масъулият

20. ҶСП «Вавилон-Мобайл» муштариро аз хизматрасонии Хадамоти дастгирии Колл-сентр бо рақами +992 918616161, (минбаъд – Хадамоти дастгирӣ ) таъмин менамояд.

21. Муштарӣ бо истифодаи Замима розигӣ медиҳад, ки ҶСП «Вавилон-Мобайл» шахсони мансабдор, директорон ва кормандонро аз ҳама иддао ва зарарҳои муқобили онҳо ба миён омада, ки дар натиҷаи риоя накардани шартҳои мазкур ва ё дар натиҷаи дигар ҳодисаҳое, ки бо истифода бурдани Муштарӣ Замимаи мазкур алоқаманд мебошанд, озод намояд.

22. Муштарӣ розигӣ медиҳад, ки ҶСП «Вавилон-Мобайл» масъулият надорад, барои:

- ноқобилӣ ва ё ба таъхиргузории пешниҳоди мол ва ё хизматрасонӣ аз ҷониби ин ё он шахс ба Муштарӣ, сифат ва маҳсулнокии мол ва ё хизматрасоние, ки Муштарӣ бо истифодабарии Замима дастрас мекунад;
- зарар дидан дар натиҷаи хато кардан ва бе аҳамияти зоҳир намудани Муштарӣ, инчунин ифшо кардан ва ё ба таври номувофиқ нигоҳ доштани ПИН-код ва ё ба таври дигар, аз риоя накардани Шартҳои Замимаи мазкур;
- рад кардани истифодабарии Замима ба сифати воситаи пардохт ба дилхоҳ таъминкунандагони мол ва ё хизматрасониҳо;
- ҳама гуна баҳс байни муштариён, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ( бо дарбаргирии дигар таъминкунандагони мол ва ё хизматрасониҳо), новобаста аз он, ки ба Замимаи «MyBabilon » алоқамандӣ дорад (ҳама гуна чунин баҳсҳо бояд бевосита байни муштарӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ баррасӣ гарданд) ;
- ҳама гуна зараре, ки дар натиҷаи беамалӣ ва ё иҷро накардани муштарӣ дастурамалро бо дилхоҳ сабабе, ки зери назорати ғайриақлонӣ аз ҷониби ҶСП «Вавилон-Мобайл» қарор дорад;

23. Агар ҶСП «Вавилон-Мобайл» ҳамчун, масъул барои талафот ва зарарҳои мустақими аз ҷониби муштариён расонида, дониста шаванд, ва бо Хизматрасониҳо алоқаманд бошанд, чунин масъулият бо маблағи транзаксие, ки мавриди баҳс дар асоси аризаи муштарӣ қарор дода шудааст, маҳдуд мегардад.

24. Ба ҳеҷ ваҷҳ ҶСП «Вавилон-Мобайл» барои ҳама гуна зарари бевосита, ногаҳонӣ, ғайримустақим ва ё дигар намуди зарарҳо масъул намебошад.

## VII. МӮҲЛАТ, БОЗДОШТАН ВА / Ё ҚАТЪ КАРДАНИ АМАЛИ ЗАМИМА

25. Шартҳои мазкур баъди фаъолгардонии Замима эътибор пайдо мекунанд ва дар давраи номуайяни вақт амал мекунанд, агар тибқи Низомномаи Ҷонибҳо он бекор карда нашавад.

26. ҶСП «Вавилон-Мобайл» метавонад дар доираи Замимаи мазкур бе огоҳиномаи иловагӣ ва ё масъулият дар ҳолатҳои зерин хизматрасониро маҳдуд, муҳосира, боздорад ва ё қатъ намояд, агар:

- муштарӣ Шартҳои мазкурро вайрон кардааст;
- муштарӣ кӯшиш мекунад ба кори Замима садди роҳ шавад ва ё беасос кори ӯро халалдор созад;
- ҶСП «Вавилон-Мобайл» медонад ва ё тахмин мекунад, ки муштарӣ ва ё шахси сеюми ваколатдор буда ва ё набуда ва ё Замимаро бо роҳи фиреб аз беэҳтиётӣ ва ё барои мақсад ва фаъолиятҳои ғайриқонунӣ истифода мебарад, ва ё агар ҶСП «Вавилон-Мобайл» бояд кореро анҷом диҳад, ки барои татбиқи риояи қонунгузорӣ зарур мебошад;
- ҳама гуна маълумоте, ки Муштарӣ пешниҳод намудааст, нодуруст аст ва ё дақиқ нест;
- ҳама гуна хизматрасониеро, ки таъминкунандаи хизматрасониҳо ба ҷонибҳо пешниҳод менамояд ва аз он Замима вобастагӣ дорад, қатъ карда мешавад ва ё наметавонад оқилона иваз карда шавад;
- дар ҳисоби Муштарӣ маблағ кофӣ нест;
- муштарӣ обунашавиро ба хизматрасонии алоқаи мобилии ҶСП «Вавилон-Мобайл» бекор мекунад.
- дар мавриде, ки агар муштарӣ аз хизматрасонии алоқа зиёда аз 90 (навад) рӯз истифода набарад, он гоҳ рақами муштарӣ бо тартиби якҷониба бекор карда шуда, инчунин дастрасӣ ба Замима қатъ мешавад.

27. Муштарӣ метавонад амали Замимаро бо роҳи тамос гирифтан бо Хадамоти дастгирии Оператор тариқи рақами телефони +992 918616161 қатъ намояд.

## VIII. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

28. Шартҳои мазкур дар доираи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудаанд.

29. Дар ҳолате, ки агар ин ва ё дигар лаҳзаи муносибатҳои дутарафаи Ҷонибҳо бо Шартҳои мазкур ба танзим дароварда нашаванд, дар ин маврид низомномаи амалкунандаи санадҳои меъёри- ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд.